«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода,
доктори илмҳои филологӣ, профессор
_____________ Гулназарзода Ж. Б.
«_27_» ________________ соли 2024

# ХУЛОСАИ

кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария,методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.- Педагогики иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич соли 2003 факултаи омодагии дифои ҳарбии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимовро аз рӯи ихтисоси “муалими тайёрии пеш аз даъвати ҳарбӣ ва тарбияи ҷисмонӣ” хатм кардааст (диплом ТСИ №0018814).

Дар давоми омадасозии диссертатсия Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич унвонҷӯи шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улғзода буда, ҳамзамон дар Донишгои мазкур ба ҳайси муалими калони кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ кору фаъолият намудааст.

Имтиҳони номзадиро бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Тарих ва фалсафаи илм –“ 4”(хуб) – 01.06.2019
- Забони хориҷӣ (англисӣ) –“4”(хуб) -27.12.2019.

Ихтисос: 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ,( 13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) –“5” (аъло) – 05.05.2023.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ таҳти №791 аз 10.05.2023 аз ҷониби Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Файзализода Ҷ.Ҳ. - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳия гардида, ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳими педагогикаи муосир – тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ равона гардидааст.

Рисолаи мазкурро муқарризони холис Шоҳиён Н.Н. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор мушовири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон; Қаюмов А.Ҷ. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон; Раҷабова Ф.О. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, хулоса пешниҳод намуданд.

Дар баромади худ Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар бораи мубрамии мавзуи таҳқиқот сухан ронда, қайд намуд, ки масъалаи маърифат ва тарбияи шаҳрвандӣ дар шароити муосир яке аз қисматҳои бисёр арзишманд ва зарурии самти омӯзишу парвариш маҳсуб меёбад. Имрӯз дар маҷмуъ дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурии мо корҳое анҷом дода мешаванд, ки ба такмили низоми тарбия нигаронида шудаанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳанӯз фазои ягонае, ки тарбияи шаҳрвандии хонандагонро фаро гирифта бошад, ба вуҷуд оварда нашудааст. Барои ташкили он бояд чунон низоми ақидаю муносибатҳо ташкил карда шаванд, ки қоидаю принсипҳои асосии он барои ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд якхела бошад ва муттасил дар тарбияи насли наврас тарбияи шаҳрвандиро таъмин намояд.

Мутаассифона, дар илми муосири педагогӣ на ҳамаи имконоти ташаккули асосҳои илмӣ – назариявӣ ва методии тарбияи шаҳрвандӣ истифода мешаванд, ҳарчанд дар Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фасли алоҳидаи тарбияи шаҳрвандӣ вуҷуд надошта бошад ҳам, вале он дар бахши ҳуқуқии ҳуҷҷати мазкур зикр гардидааст.

Шаҳрвандӣ дар рафтор ва фаъолияти инсон зоҳир мегардад. Бо вуҷуди ин дар баъзе таърифҳое, ки дар сарчашмаҳо зикр гардидаанд, чунин унсури таркибии шаҳрвандӣ, ба мисли хусусияти таъсирбахшӣ вуҷуд надорад. Худомӯзӣ метавонад, соҳаҳои мухталифи рушду фаъолияти инсонҳоро фаро гирад. Он метавонд, дар шакли худомӯзии ахлоқӣ ё ҷисмонӣ, эҳсосотӣ, иродавӣ ё зеҳнӣ ва эстетикӣ зоҳир гардад. Ҳол он ки ин ё он ҷанбаи рушди ҳаматарфа дар кори такмили шахсияти худ вобаста аз талаботи замони ҳозира ва оянда ҷойҳои гуногунро ишғол намояд. Инсон худро вобаста аз нақшаҳои худ, самти асосии зандагӣ ва ё мақсадҳои муайян барои даврони ҷудогонаи

ҳаёташ тарбия намуда, сифатҳои муайяанеро мақсади худ қарор медиҳад.

Раванди худомӯзӣ бисёр ҳам мураккаб буда, ҷанбаҳои камолоти ахлоқӣ, шаҳрвандӣ, зеҳнӣ, эстетикӣ, меҳнатӣ ва ҷисмониро фаро мегирад. Он бар пояи талаботи илмҳои табиӣ ва педагогию психологӣ қарор дорад, ки шиносоӣ бо онҳо барои инсоне, ки мехоҳад ба худомӯзӣ ҷиддан машғул шавад, зарур дониста мешавад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқи диссертатсия** - таҳия ва санҷиши таҷрибавии модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ба ҳисоб рафта вазифаи асосии таҳқиқот аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

а) дар асоси таҳлили адабиёти психологию педагогӣ ба таври дақиқ муайян қардани мафҳуми «тарбияи шаҳрвандии хонандагон»;

б) таҳияи модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон бо истифода аз имкониятҳои худомӯзӣ, муайян кардани шаклҳо, методҳо ва воситаҳое, ки ба рушди тарбияи шарҳвандӣ мусоидат хоҳанд кард;

в) дар таҷриба санҷидани самарабахшии модели таҳиягардида;

г) муайян кардани имкониятҳои педагогии худомӯзӣ дар раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон;

д) ошкор кардани хусусиятҳои фарққунандаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ;

е) асоснок кардани шароитҳои педагогие, ки барои тарбияи муваффақонаи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ заруранд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқотро диссертант ба шакли зайл пешниҳод намудааст:**

- мазмуни мафҳуми «тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» дақиқ карда шуд, ки мо онро ҳамчун маҷмӯи донишҳо, қобилиятҳо, таҷриба, ангезаҳо ва арзишҳое мефаҳмем, ки барои ҳар як шаҳрвади Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд;
- модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ки мақсади меъёрҳои ташаккули тарбияи шаҳрвандии хонандагон, шаклҳо, методҳо ва воситаҳо, марҳилаҳои ташаккул ва сатҳи тарбияи шаҳрвандии хонандгон тавассути худомӯзиро фаро мегирад, таҳия карда шуд;
- қисмҳои таркибии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ва муҳтавои онҳо муайян карда шуд, ки аз инҳо иборатанд: маърифатӣ (когниктивӣ), амалиётӣ, маромнокӣ-арзишӣ ва рефлексӣ;
- имкониятҳои педагогии роҳҳои худомӯзӣ, ки ба тарбияи шаҳрвандии хонандагон мусоидат мекунанд, муайян карда шуд;
- хусусиятҳои фарққунандаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ошкор карда шуд;

- бо далелҳои мушаххас шароитҳои педагогии тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ асоснок карда шуд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот дар он аст, ки диссертант дар заминаи омӯзиш ва таҳлили маводҳо бори аввал бо гузарондани таҳлили системавии проблемаи тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, ошкор намудани шароитҳои педагогӣ ва таҳияи модели сохторӣ-вазифавии тарбияи хонандагон тавассути худомӯзӣ, коркарди таъминоти илмӣ - методии раванди тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ, гузарондани корҳои таҷрибавӣ доир ба модели тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ ва таҳияи натиҷаҳои озмоиши педагогӣ, модели тарбияи шаҳрвандии хонандагонро тавассути худомӯзӣ нишон додааст.

Тибқи мазмуну мундариҷа рисолаи илмӣ ба унвонҷӯ саволҳо пешниҳод гардида, ҷавобҳои мушаххас ва дуруст баргардонида шуд.

Сипас, муқарризони холис Шоҳиён Н.Н. - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мушовири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон; Қаюмов А.Ҷ. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон; Раҷабова Ф.О. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психологияи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон оид ба мазмуну мухтавои диссертатсия ва саҳми унвонҷӯ баромад ва қайд намуданд, ки саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зуҳур меёбад, ки мавсуф масъалаи таҳқиқоти диссертасиониро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда, таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст, маводи таҳқиқотро таҳлили миқдорӣ ва сифатӣ карда, маҷмӯи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор додааст, дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст.

Ҳамин тариқ, бо назардошти муҳокима ва хулосаи муқарризони холис оид ба омӯзиши дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки диссертатсияи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» кори илмии мустақилона баанҷомрасида буда, дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерин дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи унвонҷуй мазмуни рисоларо фаро мегирад.

1. Нарзуллоев Ҳ.С. Аҳамияти донишҳои психологӣ дар ташаккули шахсияти варзишгарон / Ҳ.С. Нарзуллоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2015. – №3 (64-2). – С.205-207. ISSN 2074-1847. (дар ҳаммуаллифӣ)

2. Файзалиев Ҷ.Х., Нарзуллоев Ҳ.С. Мундариҷаи тарбияи ватандӯстии хонандагон бо истифода аз усулҳои худомӯзӣ / Ҷ.Х. Файзалиев, Ҳ.С. Нарзуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – №3/2 (198). – С.284-287. ISSN 2074-1847.

3. Нарзуллоев Ҳ.С. Тарбияи ватандӯстии хонандагон тавассути усулҳои худомӯзӣ дар раванди таълими улуми инсонӣ / Ҳ.С. Нарзуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – №3/3 (202). – С.296-299. ISSN 2074-1847.

4. Файзализода Ҷ.Х.Нарзуллоев Ҳ.С. Тарбияи шаҳрвандии хонандагон дар раванди худомӯзӣ / Ҷ.Х. Файзализода, Ҳ.С. Нарзуллоев // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф – Душанбе, 2023. – №3 (43). – С.139-145. ISSN 2617-5320.

5. Нарзулоев Ҳ. С. Мазмуни тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ /Ҳ.С. Нарзуллоев // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф – Душанбе, 2023. – №4 (44). – С.182-192. ISSN 2617-5320.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризони холис ва иштирокчиёни кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» кори илмии мустақилона баанҷом расида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.- Педагогики иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсионии илмии Нарзуллоев Ҳайбуло Саъдуллоевич дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили тарбияи шаҳрвандии хонандагон тавассути худомӯзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария,методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03.- Педагогики иҷтимоӣ ва худшиносӣ) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажуҳишгоҳи рушди

маорифи ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода 25-уми майи соли 2024 суратҷаласаи №10/2 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа 12 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 12 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ, номзади илмҳои география, дотсент — Қодиров Ш. С.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Шоҳиён Н.Н.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Қаюмов А.Ҷ.

Номзади илмҳои педагогӣ — Раҷабова Ф.О.

Котиби ҷаласа — Нураҳмадзода Д.

Имзоҳои Ш.С.Қодиров., Н.Н. Шоҳиён., А.Ҷ. Қаюмов., Ф.О. Раҷабоваро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода — Юсупова Б. Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6. Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003; Сомона: www.dbz.tj;
E-mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru